**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои водии Зарафшон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғоибов Саъдӣ Шокирович масъалаи раванди ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии водии Зарафшонро дар бар гирифта, аз нигоҳи интихоби мавзӯъ ва зарурати пажӯҳиш мубрам ва аз аҳамияти назариявию амалӣ бархӯрдор аст.

Тахкики заминаҳои таъсиси нашрияҳои махаллии водии Зарафшон, раванди ташаккул ва марҳалаҳои инкишофу таҳаввули онҳо бо назардошти омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангиву иқтисодӣ ва имконоти касбӣ дар шакли кори диссертатсионӣ бори аввал мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар он ташаккулу инкишоф ва таҳаввули нашрияҳои даврии «Зарафшон»-и нохияи Панҷакент, «Файзи Зарафшон»-и ноҳияи Айнӣ ва «Паёми Кӯҳистон»-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бо назардошти доираи фарогирии мавзӯоти иҷтимоӣ, сатҳи завқ ва ҳунару салиқаи журналистӣ, истифодаи воситаҳои техникии замонавӣ, дарёфти роҳҳои пешбурди кори рӯзномаҳо дар шароити рушди техгологияи инноватсионӣ таҳқику баррасӣ шудааст.

Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ маводи фаровони илмиву амалӣ, бахусус шумораҳои гуногуни нашрияҳои объекти таҳқикро дастрас намуда, дар заминаи таҳлилҳои амиқу ҳаматарафаи онҳо мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кард. Аз ҷумла: омилҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофу таҳаввули нашрияҳои ноҳиявии водии Зарафшонро нишон дод; раванди ташаккул ва инкишофи нашрияҳои ин водиро муайян ва хусусиятхои умумӣ ва хоссаи нашрияҳои алоҳидаро ошкор намуд; махсусияти шакливу мундариҷавӣ, ороишу дизайни нашрияҳо ва доираи мазӯоти онҳоро мушаххас сохт; дараҷаи истифодаи жанрҳои гуногуни рӯзноманигорӣ: ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеиро дар нашрияҳои мавриди таҳқиқ муайян кард; вазъи нашрияҳои мавриди омӯзишро дар шароити рушди технологияи замонавӣ ба баррасӣ кашид.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима чун қоида аҳамияти интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, навгонии кор бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ ва

дараҷаи таҳқиқи он муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия «Назаре ба таърихи матбуоти маҳаллии водии Зарафшона», ки аз се фасл таркиб ёфтааст, омилхои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва касбии пайдоиши матбуоти маҳаллӣ дар Тоҷикистон, таъсиси аввалин нашрияҳои музофотӣ, бахусус раванди ташаккулу инкишофи нашрияҳои водии Зарафшон мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таҳқиқи ин ҷанбаи мавзӯи омӯзиш чанд қисмро дар бар мегирад. Дар аввал диссертант бо ишораи иттилоотию ташреҳӣ зарурати пажӯҳиши мавзӯъ ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намуда, пайдоиш ва ташаккули низоми матбуоти даврии тоҷикро иҷмолан баррасӣ намудааast. Баъдан заминаҳои таъсиси нашрияҳои даврӣ дар ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ бо раванди ташаккулу инкишофи онҳо таҳқиқ гардида, бо усули муқоиса ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқи фаъолияти ин нашрияҳо нишон дода шудааст. Ниҳоят вазъи имрӯзаи нашрияҳои мавриди пажӯҳиш таҳлил гардида, дурнамои фаъолияти онҳо бозгӯ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Хусусиятҳои шакливу мундариҷавиии матбуоти маҳаллии водии Зарафшон», шомили ду фасл буда, баҳси чигунагии вижагиҳои шаклӣ ва мавзӯии нашрияҳои даврии мавриди таҳқиқро фаро мегирад.

Унвонҷӯ дар фасли аввал ин боб вижагиҳои шакливу ороишӣ ва дар фасли дуюми он доманаи мавзӯъҳо ва таносуби истифодаи онҳоро таҳқиқу баррасӣ намуда, бо таҳлили шумораҳои гуногуни нашрияҳои мавриди таҳқиқ нақши аносири техникӣ ва нерӯи касбиро дар рӯзномасозӣ нишон додааст. Ӯ бо таҳлилҳои муқоисавӣ ба натиҷае мерасад, ки нашрияҳои мавриди таҳқиқ дар марҳалаҳои инкишофи худ ба дигаргуниҳои шакливу мундариҷавӣ гирифтор шудаанд. Дар тағйир ёфтани шаклу ороиш ва муҳтавои онҳо омилҳои гуногун таъсир гузошта бошанд ҳам, ду омил асосӣ будааст. Омили аввал сиёсиву иҷтимоӣ буда, аз ҳадафҳои сиёсиву таблиғотии нашрияҳои даврӣ дарак медиҳад. Омили дуюм ба фароҳам омадани имконоти техникӣ ва инкишофи қонунмандиҳои ҳунариву касбӣ вобаста будааст.

Бо вуҷуди ин заминаи фаъолияти ин нашрияҳоро, асосан, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии навоҳӣ ташкил медиҳад. Ин мавзӯот дар марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва инкишофи нашрияҳои даврӣ, таносубан аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Унвонҷӯ мавзӯъҳои асосии нашрияҳои мавриди назарро ба се гурӯҳ: сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву кишоварзӣ ва фарҳангиву варзишӣ ҷудо намуда, ҳар кадомро муфассалан таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия –“Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои маҳаллӣ” фарогири се фасл буда, дар он масъалаи чигунагии жанрҳои публитсистӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар нашрияҳои даврии мавриди пажӯҳиш мавриди баҳси илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант зимни таҳлили нашрияҳои даврии водии Зарафшон ба натиҷае мерасад, ки ҳарчанд онҳо аз аносири умумии жанрӣ бархӯрдоранд, аммо таносубан ҳар як нашрия вижагиҳои хос дорад. Нашрияҳои даврии ин водӣ дар инъикоси ҳодисаву рӯйдод, вокеиятҳои иҷтимоӣ, шарҳу тавзеҳ ва таҳлили вазъияту ҳолат, баррасии масъалаҳои доғи рӯз ва тасвири корнамоиҳои инсонҳои шоиста аз имконоти жанрҳои публитсистӣ хуб истифода бурдаанд. Вижагиҳо ва имконоти корбасти жанрҳои публитсистӣ дар фаслҳои алоҳидаи боби мазкур муфассалан таҳлилу арзёбӣ гардида, таносуби истифодаи жанрҳо дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи нашрияҳои даврӣ нишон дода шудааст.

Хулосаҳои таҳқиқоти Ғоибов С. Ш. ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо далелу аснод асоснок карда шудааст. Диссертатсия сохтори муайяни илмӣ дорад, дар он метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ риоя шудааст. Бобу фаслҳои дисертатсия ба ҳам алоқаи мантиқӣ доранд, онҳо якдигарро пурра мекунанд ва дар умум, тарҳи комили мавзӯи таҳқиқи илмиро намо медиҳанд.

Автореферат ва маводҳои доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайдгирифташуда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Унвонҷӯ Ғоибов Саъдӣ дар давоми солҳои унвонҷӯйӣ ба омӯзиш ва пажӯҳиши мавзӯъ сидқан машғул шуд, ба қадри имкон ва тавон супорищҳои илмиро иҷро намуд, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмӣ маърӯзаҳо хонд, дар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ мақолаҳо ба нашр расонд.

Бо назардошти сифатҳои шахсии муаллиф ва омодагии ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқотии мустақил ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои водии Зарафшон)» кори илмии анҷомрасида аст. Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ иҷро гардида, бо муҳиммияту мубрамият, навгониҳои назариву амалӣ ва аҳамияти худ ба талаботи пажӯҳиши диссертатсионӣ мувофиқ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кор ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ буда,

муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
матбуоти ДМТ Муродӣ М. Б.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 934251532
E-mail: murodi@mail.ru

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавкиев Э. Ш.